ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Исвалиев Сино Мирзоназарович дар мавзуи «Таъсири Bacillus subtilis ба зоҳиршавии аксуламали ғайрихоси аллергии туберкулинӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯйи ихтисоси 4.3.2. Микробиологияи ветеринарӣ (вирусшиносӣ, эпизоотология, занбӯруғшиносӣ бо заҳрзанбӯруғшиносӣ, масуниятшиносӣ) пешниҳод шудааст.

Муҳиммияти мавзуъ. Мушкилоти вобаста ба бемории сил ва ташхиси он дар Тоҷикистон, яке аз масъалаҳои доимии эпизоотӣ ва тандурустии ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравад. Сил ҳамчун бемории зоонозӣ хусусияти паҳншавии босуръат дорад ва метавонад боиси сирояти якбора ҳам дар ҳайвонот ва ҳам дар одамон гардад. Ин хатар бо назардошти шароити иҷтимоию иқтисодӣ, дараҷаи пасти бехатарии биологӣ ва омӯзиши нокифояи аҳолӣ боз ҳам бештар мегардад.

Ташхиси дақиқи бемории сил асоси ҳама чорабиниҳои пешгирикунанда ва мубориза бар зидди ин беморӣ ба ҳисоб меравад. Бо вуҷуди ин, дар солҳои охир ташхиси барҳаётии сили чорвои калони шохдор бо ду мушкилоти ҷиддӣ рӯ ба рӯ шудааст:

- пайдоиши аксуламалҳои ғайрихоси туберкулинӣ дар ҳайвоноти солим (парааллергия),
- надодани аксуламали бодигармӣ ба туберкулин дар ҳайвоноти воқеан бемор (анергия).

Аз солҳои 60-уми асри гузашта то имрӯз, ҳам дар Тоҷикистон ва ҳам дар дигар кишварҳо ҳолатҳое ба қайд гирифта шудаанд, ки чорво дар санҷиши туберкулинӣ ба гурӯҳи мусбатбаргардондашуда шомил мегардад, вале ҳангоми кушодани назоратии ҷасади чорво ва ташхиси озмоишгоҳӣ нишонаҳои бемории сил дар онҳо ошкор намешавад. Ин навъи аксуламалҳо «қалбакӣ» ё «ғайрихос» ном гирифта, имрӯз дар баъзе подаҳо аз 1 то 10% ва дар ҳолатҳои алоҳида ҳатто то 50% ва бештар низ ба мушоҳида мерасанд.

Бо вуҷуди аҳамияти баланди усули аллергиявии ташхиси сил, мутахассисони соҳа чандин норасоиҳои онро қайд намуда, зарурати такмили минбаъдаи онро таъкид кардаанд. Яке аз камбудиҳои асосӣ — пайдоиши аксуламалҳои ғайрихос дар ҳайвоноти солим аст, ки метавонанд ба сабабҳои гуногун вобаста бошанд. Забҳи беасоси чунин ҳайвонот, ки танҳо ба хотири як аксуламали мусбат ба туберкулин анҷом дода мешавад, ба кам шудани теъдоди ҳайвоноти воқеан бемор дар пода

нафъ намерасонад ва ин масъала яке аз мушкилоти глобалии ташхиси сил маҳсуб мешавад.

Муаллиф бо дарки аҳамияти баланди масъала, мавзуи воқеан муҳим барои соҳаи чорводориро интихоб намуда, ҳадаф ва вазифаҳои мушаххаси илмиро муайян карда, бо масъулияти баланд иҷро намудааст.

Хулоса. Диссертатсияи Исвалиев Сино Мирзоназарович таҳти унвони «Таъсири Bacillus subtilis ба зоҳиршавии аксуламали ғайрихоси аллергии туберкулинӣ» ба талаботи муқарраршуда барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯйи ихтисоси 4.3.2. Микробиологияи ветеринарӣ (вирусшиносӣ, эпизоотология, занбӯруғшиносӣ бо заҳрзанбӯруғшиносӣ, масуниятшиносӣ) пурра ҷавобгӯ буда, қобили ҷонибдорӣ мебошад.

Муаллиф Исвалиев Сино Мирзоназарович барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯйи ихтисоси мазкур арзанда дониста мешавад.

Тақриздиҳанда:
Ноиби президенти АИКТ,
д.и.б., узви вобастаи АИКТ Амиршозода Файзулло Сафар

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 21 “А”.
Tel.: (+992) 208454564
E-Mail: afaizullo64@mail.ru

Суроға: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ,
кучаи Фирдавсӣ 70 ҳуҷраи 10
Tel.: (+992) 208454564
E-Mail: afaizullo64@mail.ru

Имзои Амиршозода Ф.С.-ро тасдиқ мекунам
Сардори шуъбаи таъминоти
ҳуқуқӣ ва кадрҳо Ганиева Г.Э.

Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон
Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 21 “А”.
Tel./Fax.: (+992-37) 221-70-04
E-Mail: aikt91@mail.ru
23.06.2026с.